## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). Душанбе, 2025

Дар раванди рушди бемайлони ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти муқоисаи забонҳо ва тарҷума яке аз масъалаҳои муҳим ва зарурӣ маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти диссертатсионие, ки аз ҷониби докторант (PhD) Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна таҳти унвони «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дифоъ пешниҳод шудааст, ба масъалаи тарҷума, аз ҷумла муайян намудани дараҷаи номувофиқатӣ дар сохтор ва мазмуни ҷумла дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва таҳлили он дар раванди тарҷума дар доираи асари мушаххас бахшида шудааст ва он ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунад. Мубраму муҳми будани мавзӯи тадқиқотро мушкилоти тарҷума дар асари бадей ва тағйироти наҳвӣ ҳангоми тарҷума дар доираи асари бадеӣ, ки яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мебошанд, асоснок менамояд.

**Мақсади таҳқиқот** баррасӣ ва таҳлили вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавии асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей муқаррар гардидааст.

**Объекти таҳқиқотро** ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони англисӣ ва тарҷумаи онҳо дар забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд, ки аз асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей ҷамъоварӣ шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот чунин аст**, ки тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей аз англисӣ ба тоҷикӣ) ҳанӯз мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст ва аз ҷониби муаллиф ин масъала бори нахуст дар илми забоншиносии муосири тоҷик анҷом дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама дар он аст, ки бори аввал аз ҷониби докторант вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифта, роҳу воситаҳои истифодаи таҳвилоти тарҷумавӣ дар раванди тарҷума, аз ҷумла, тарҷумаи бадеӣ асоснок карда шудааст.

Инчунин, саҳми дигари диссертант дар он аст, ки ӯ дар доираи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 168 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Автореферати диссертатсияи мазкур бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар асоси муқаррароту талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмун ва мундариҷаи корро фарогир аст.

Хулоса, метавон чунин арзёбӣ намуд, ки автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «**Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари**

**“Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)»** ба талаботи бандҳои дахлдори Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ва “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши КОА назди Президенти ҶТ аз 27.12.2024, №493)” ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи методикаи таълими
забонҳои хориҷии факултети
забонҳои хориҷии
МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Б.Ғафуров” Юсупова Манзураҷон Ибрагимҷоновна

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд, г.Мавлонбеков, 1
Тел.: (+992) 927737040
E-mail: yusupova_manzura@mail.ru

Имзои Юсупова Манзураҷон Ибрагимҷоновнаро
**“Тасдиқ мекунам”**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сайдуллозода З.С.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«15» 05 соли 2025

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, г.Мавлонбеков, 1
Тел.: (+992)927233378;
ЗСомоан: www.hgu.tj